**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Давлатов Назримад Муродзода дар мавзуи «Таҳлили муқоисавии ҷумлаҳои пайрави ҳол дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (дар асоси маводи «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ**

Забонҳои тоҷикиву англисӣ вижагиҳои ташаккули таърихии худро соҳиб буда, барои ташаккули анвои мухталифи ҷумлаҳои мураккаб заминаи асосӣ ба шумор меравад. Таҳлилу баррасии ин ё он воҳиди забон дар заминаи маводи асари бадеӣ падидаи нав набуда, аз муҳаққиқон тақозо менамояд, ки таҳқиқи онҳоро аз лиҳози муқобалаву муқоиса бо забони модарӣ ба роҳ монанд. Диссертатсияи Давлатов Назримад Муродзода «Таҳлили муқоисавии ҷумлаҳои пайрави ҳол дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (дар асоси маводи «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ)» маҳз ба ҳамин нукта нигаронида шуда, дар асоси маводи тарҷумашуда анҷом ёфтааст. Таҳқиқи анҷомдодаи муаллиф на танҳо барои мутарҷимон, балки барои муҳассилини макотиби олӣ метавонад ба сифати дастури муфид кӯмак намояд.

Рисола аз муқаддима, се боб, хулоса ва феҳристи адабиёт иборат буда, дар муқаддима роҷеъ ба мубрамии мавзуи таҳқиқот, дараҷаи омӯзиши таҳқиқоти мавзуи илмӣ, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва ё мавзуъҳои илмӣ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, навоварии илмии таҳқиқот, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқот, коркарди мавзуъ, методҳои таҳқиқот, маводи асосии таҳқиқот сухан меравад.

Лозим ба ёдоварист, ки аз нигоҳи сохтор, диссертатсия аз се боб иборат буда, дар боби якум масъалаҳои назариявии мавзуъ баррасӣ мегарданд. Бобҳои дуюму сеюми диссертатсия ба таҳлили муқоисавии анвои ҷумлаҳои пайрави ҳоли забонҳои тоҷикиву англисӣ бахшида шудааст. Дар раванди таснифи ҷумлаҳои пайрави ҳол, нахуст муаллиф ба андешаҳои наҳвшиносони беназири тоҷик Ф. Зикриёев Б. Камолиддинов ва англисшиносони рус П. М. Каушанский ва дигарон такя намуда, баъдан ин намуди ҷумлаҳоро ба ду гурӯҳи калон дастабандӣ кардааст, ки шеваву тарзи таҳлили муаллиф аз он дарак медиҳад, ки муҳаққиқ моҳияти мавзуро пурра дарк мекунад.

Ҳадафи асосии муаллиф, ки дарёфти вижагиҳои типологии ҷумлаҳои пайрави ҳоли забонҳои тоҷикиву англисӣ бар мабнои маводи “Ёддоштҳо”-и Садриддин Айнӣ маҳсуб меёбад, пурра роҳандозӣ гардидааст.

Илова бар ин, рисолаи мазкур метавонад ҳамчун маводи таълимӣ барои аз худ намудани наҳви ҷумлаҳои мураккаби забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ дар факултетҳои филологии донишкадаву донишгоҳҳои кишвар истеъмол гардад.

Бо вуҷуди он ки диссертатсия дар сатҳи баланди илмӣ иншо гардидааст, дар он баъзе норасоиву камбудиҳо ҷой доранд, ба монанди:

1. Агар муаллиф умумияту тафовут ва монандии ҷумлаҳои пайрави ҳолро дар шакли ҷадвал ё таблитса пешниҳод менамуд, арзиши илмии рисола боз баландтар мегардид.

2. Дар баъзе аз саҳифаҳои автореферат (с. 12, 14, 16, 17 ва ғ.) фикру андешаҳои муаллиф такрор омадаанд.

Бояд қайд намуд, ки эродҳои зикршуда ба мазмуну мундариҷаи диссертатсия таъсири манфӣ нарасонида, арзиши илмии онро коста намегардонанд.

Автореферат ба муҳтавои диссертатсия пурра мутобиқат намуда, хулосаҳо, тавсияҳо ва мақолаҳои ба чоп расонидаи муҳаққиқро пурра инъикос менамоянд.

Аз ин рӯ диссертатсияи Давлатов Назримад Муродзода дар мавзуи «Таҳлили муқоисавии ҷумлаҳои пайрави ҳол дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (дар асоси маводи «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ)» ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 - Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ сазовор мебошад.

Мудири кафедраи фанҳои гуманитарӣ
ва забонҳои ДТМИК, номзади илми
филология, саромӯзгор: Чоршанбиева З.А.
Нишонӣ: ш. Кӯлоб, маҳ.Борбад,
E-mail chorshanbieva80@.bk.ru
Tel. 985-01-14-31

Имзои Чоршанбиева З.А-ро
тасдиқ менамоям.
Сардори шуъбаи кадрҳо
ва коргузории ДТМИК: Шокиров Қ.Б.

“24” “05”2023 с.